УДК 005.1;636

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ЧОРВОИ ШИРДЕҲ ДАР АСОСИ ИННОВАТСИЯ

**Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин** –докторант PhD, ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур

***Калимаҳои калидӣ:*** инноватсия, чорвои ширдеҳ, технологияи пешқадам, техники-техналогӣ, илмию-амалӣ, иқтисодию-иҷтимоӣ, сиёсати давлатӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ

Самтҳои афзалиятноки инноватсионии рушди чорвои ширдеҳ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд барқароркунӣ, равандҳои зотпарварӣ, рушд ва ҷорӣ намудани истифодаи васеи технологияҳои пешқадами хӯронидан, нигоҳдории чорво, механизатсия ва автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ мебошанд.

Сиёсати давлати оиди ҷорӣ ва истифода бурдани инноватсия дар фаъолияти истеҳсолии чорвои ширдеҳ маҳсулотҳои ширӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза дар шароити ҳозира бисёр ҳам муҳим, мубрам ва зарур мебошад. Сатҳи ҷорӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ ба муайян намудани сифату суръати рушди иқтисодии соҳа дар маҷмӯъ ба рақобатпазирии саноатии хоҷагиҳои инфиродӣ ва корхонаҳои истеҳсоли маҳсулотҳои ширӣ оварда мерасонад. Дар шароити иқтисодӣ бозаргонӣ, хусусан барои ташкилотҳои кишоварзӣ таъмини такрористеҳсолкунии васеъ муҳим аст, то ки дар чор фасли сол мунтазам соҳаи истеҳсолот бояд бо ашёи хоми аз ҷиҳати экологӣ тоза корхонаҳои коркарди ин маҳсулотро оид ба таъмини бозор бо маҳсулотҳои ширӣ амалӣ намоянд. Ин пеш аз ҳама, бо истифода аз имкониятҳои мавҷудбуда, хоҷагиҳо ва истифодаи технологияҳои каммасрафи захираҳо дар равандҳои истеҳсолот, инчунин ҷорӣ намудани дастовардҳои инноватсионӣ вобастагии калон дорад.

Ба фикри мо, дар шароити ҳозираи бозоргонӣ, меъёри асосии самаранокии рушди чорвои ширӣ дар минтақаҳо ба дараҷаи ноил шудан ба ҳадафҳои амнияти озуқаворӣ ва беҳтар намудани талаботи аҳолӣ бо шир ва маҳсулотҳои ширии ватанӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ба ҳар як истеъмолкунандаи ниҳоӣ бо нархи дастрас бурда расонидани маҳсулоти истеҳсолкардашуда ва дар ин асос ба бозор ворид намудани маҳсулоти ширӣ ба рақобат тобоварро пешниҳод бояд кард.

Дар шароити иқтисодиёти бозоргонии муосир, зиёд гаштани талабот, васеъ шудани рақобат, кам шудани захираҳои табиат ҳар як соҳаи истеҳсолотро бе «инноватсия» тасаввур кардан ғайри имкон аст. Истифодаи муфиди инноватсия дар шаклҳои технологияҳои беҳтарин, маҳсулотҳои гирифташуда, намудҳои самаранокӣ, хизматрасонӣ, ташкилӣ-техникӣ ва иқтисодию-иҷтимоӣ ва молиявӣ, қабули қарорҳои муфиди маъмурӣ-ҳуқуқи ва дигар тадбирҳои ҳалталабро каму беш паст менамояд ва дар оянда аз байн хоҳад бурд.

Ба фикри мо самтҳои инвеститсияро метавон ба чунин қисмҳо гурӯҳбандӣ кард:

- ҷаҳонӣ, ватанӣ, соҳавӣ, истеҳсолӣ
- таъсиррасонӣ ва дигаргунии соҳаҳо
- пайдарпайӣ ва муҳлатнок
- суръати ва муҳлати амалишавӣ

Вобаста ба талаботи афзунгардии аҳолӣ бо маҳсулотҳои ширӣ рушди инноватсионии чорвои ширдеҳ ва таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ бо маҳсулотҳои ширӣ ва қонеъ намудани ниёзҳои ҷомеа коркарди васеи ширро талаб менамояд.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки истеҳсоли шир дар асоси иноватсия бисёр ҷанбаҳои фаъолияти технологӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва зооветеренарриро дар хоҷагиҳои фермерӣ ва комплексҳои калони махсусгардонидашударо дар бар мегирад:

- ташкили истеҳсоли хӯрока чорво ва хуронидани чорво;
- ҷорӣ кардани системаи оқилона душидани шир;
- гузаронидани корҳои (селексионӣ) зотпарварӣ;
- ташкили барқароршавии пода;
- механизатсия ва автоматикунонии равандҳои истеҳсоле, ки меҳнатталабанд;

- нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани шароити нигоҳдории чорво дар асоси талаботҳои байторӣ ва санитарӣ;

- ташкили оқилонаи равандҳои истеҳсолӣ (кор) ва дамгирии кормандони соҳаи чорвои ширдеҳ.

Аз ин нуқтаи назар, рушди соҳа дар самти инноватсиякунонии чорводории ширӣ ҳамчун раванди дарозмӯҳлат ва мураккаб мебошад, ки моҳияти он дигаргуниҳои босифати сохторӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ буда, ба натиҷаи некуаҳволии зиндагии молистеҳсолкунандагон ва ҳам ба мол истеъмолкунандагони маҳсулоти он таъсир мерасонад.

Рушди инноватсионии соҳаи чорвои ширдеҳро ҳамчун як раванди муттасили фаъолият дар сектори хусусӣ ва аҳолӣ тавассути истифодаи равишҳои илм ва таҷрибаи пешқадами муосир бо мақсади ба даст овардани маҳсулоти рақобатпазир ва таъмини эҳтиёҷоти иҷтимоӣ бо ғизои доимии сифатан тоза аз ҷиҳати экологиро ба мардум пешкаш намоем, дар назар дорад.

Равандҳои инноватсионӣ пайваста дар соҳаи чорвои ширдеҳ ва азнавсозии истеҳсолот дар асоси ҷори намудани омилҳои самаранокии иқтисодӣ, пешрафти илмӣ-техникӣ, ки дар худ хусусияти стратегӣ дошта натанҳо аз бӯҳронҳои иқтисодӣ, балки барои устувории рушди соҳаи чорводорӣ хусусан ширдеҳ дар оянда мусоидат хоҳад кард.

Ба фикри мо, дар шароити ҳозира соҳаи чорводорӣ ба самтҳои стратегии сиёсати инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар хоҷагиҳои навтаъсисдодашудаи махсус ё сатҳи минтақа шудан, лозим аст ва он чунин равандҳоро бояд дар бар гирад:

1. Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкории хурд ва миёнаи инноватсионӣ, ки истифодаи беҳтари захираҳои истеҳсолӣ потенсиалӣ эҷодиро таъмин менамояд.

2. Ворид намудани системаи инноватсионии давлатҳои хориҷӣ дар асоси таъмини технологияҳои мувофиқи оид ба такрористеҳсолкунии васеъ ва нигоҳдории наслҳои гирифташуда.

3. Баланд бардоштани самаранокии инноватсияи сармоягузории корхона дар соҳаи кишоварзӣ.

Ҳамзамон барои амалӣ намудани инноватсия дар соҳаи чорвои ширдеҳ бояд сиёсати давлатӣ ба ҳадафҳои асосии зерин равона карда шавад:

- дастгирии соҳаи илм ва маориф оид ба таъмини рушди илмии соҳаи истеҳсолот ва коркарди саноатии- шир;

- таъмин аз истеҳсолкунандагони саноати воситаҳои асосии технологияҳои инноватсионӣ, ки ба ҳар як раванди маҳсулоти истеҳсолот мусоидат менамоянд;

- таъмин намудани такрористеҳсолкунии васеи соҳа, новобаста аз тағйир ёфтани бозор.

Барои ҳалли мушкилоти зикргардида бояд, ҳамаи унсурҳои сохтории низоми инноватсионии ҳар як хоҷагӣ дар алоҳидагӣ ва дар миқёси минтақа ҷалб карда шаванд.

Технологияи инноватсионии ҳозиразамони дар соҳаи чорвои ширдеҳ бо истифодаи қарорҳои инноватсионии маъмул вобастаанд, ки дар натиҷа бартарии рақобатпазирии хоҷагиҳои алоҳидаро дар байни худ инкор мекунанд ё аз байн мебаранд. Ин ҳолат ба таври объективӣ рақобатро байни молистеҳсолкунандагон ҳангоми бисёр шудан ва кам гаштани талабот миқдори пешниҳоди ширро дар бозор меафзояд.

Дар қатори инноватсияҳои селексиони-генетикӣ, техникӣ-технологӣ ва ташкили иқтисодӣ дар соҳаи чорводории самти ширдеҳ чуноне, ки дар боло зикр гашта буд самтҳои иҷтимоӣ ва экологӣ инноватсиониро ҷудо намудан мумкин аст. Расми №1

Дар маҷмуъ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки соҳаи чорводории самти ширдеҳ потенсиали (қувваи) зиёди инноватсиониро доро аст, ки бо мувофиқат амалӣ намудани миқёси на ин ки бо истифодаи пурсамари инноватсионӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ, ки рушди ин соҳаро таъмин менамоянд, балки маҷмӯи давом додани низоми инноватсиониро дар ноҳия, вилоят, ҷумҳурӣ таъмин кунанда мебошад.




**Таҳияи муаллиф**
**Расми 1 –Типҳои инноватсия дар соҳаи чорводории самти ширдеҳ**

Аз ин лиҳоз ба фикри гузаронидани соҳаи чорвои самти ширдеҳро дар асоси инноватсия ҳамчун самти афзалиятноки дурнамои тараққиёти ин соҳа тавсия намудан мумкин аст, чунки он ба рушди маҷмӯи соҳаҳои кишоварзӣ таъсири мусбӣ мерасонанд.

**Адабиётҳои истифодашуда**


1. Райхлин Э.Н. Основы экономической теории. Экономический рост и развитие / Э. Райхлин. - Москва: Наука, 2001. - 319 с.
2. Макконнелл К. Экономикс: принципы, проблемы и политика. Т. 2 / К. Макконнелл, С. Брю. - Москва: Республика,1992. - 407 с.
3. Хайман Д.Н. Современная микроэкономика: анализ и применение: в 2-х т. Т. 2: Пер. с англ. / Д.Н. Хайман. - Москва: Финансы и статистика, 1992. - 384 с.
4. Дудка В.Д. На основе финансового лизинга / В.Д. Дудка // Экономика сельского хозяйства России. - 2006. - № 9. - С. 3.
5. Хейне П. Экономический образ мышления: Пер. с англ. 2-е изд. / П. Хейне. - Москва: Изд-во «Дело», 1993. - 704 с.


## АННОТАЦИЯ

## ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ МОЛОЧНОГО СКОТОВОДСТВА НА ОСНОВЕ ИННОВАЦИЙ


В настоящей статье рассмотрено типы инноваций, её составляющие элементы, проанализирован отдельные стороны функциональной деятельности механизированных ферм и комплексов.

В настоящее время к стратегическим направлениям и основным положениям инновационной политики в аграрной сфере на региональном уровне следует отнести следующие.

1. Создание условий для развития малого и среднего инновационного предпринимательства для более эффективного использования ресурсного потенциала области.
2. Создание инновационной системы, элементами которой является совокупность институтов, обеспечивающих генерацию и трансляцию новых знаний и технологий в соответствии с государственной инновационной политикой.
3. Повышение инновационно-инвестиционной активности предприятий аграрного сектора.

Наряду с селекционно-генетическими, технико-технологическими и организационно – экономическими инновациями в молочном скотоводстве, как уже отмечалось, важно выделять социальные и экономические инновации приведена в виде рисунка инноватций которая состоит из пяти направлений.



***Ключевые слова:*** *инновация, молочный скот, продвинутые технологии, технико-технологический, научно-практический, экономические, государственная политика, административно-правовой.*


## ANNOTATION

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF DAIRY CATTLE BREEDING BASED ON INNOVATION


The article discusses the types of innovations, its constituent elements, analyzes certain aspects of the functional activities of mechanized farms and complexes.

Currently, the strategic directions and main provisions of innovation policy in the agricultural sector at the regional level include the following:

1. Creation of conditions for the development of small and medium innovative entrepreneuship for more efficient use of the resource potential of the region.
2. Creation of an innovation system, the elements of which are a set of institutions that ensure the generation and translation of new knowladge and technologies in accordance with the state innovation policy.
3. Increasing innovation and investment activity of enterprises in the agricultural sector.

Along with breeding-genetic, technical-economic innovations in dairy cattle breeding, as already noted, it is important to highlight social and economic innovations given in the form of an innovation drawing which consists of five directions.



***Key words:*** *inovation, dairy cattle, advanced technology, technical and technological, scientific – practical, economic – social, state policy, administrative and legal.*